Ҳар рӯзадоре фаромӯш кард (ки рӯзадор аст) чизе хӯрд ё нӯшид, рӯзаашро идома диҳад, зеро Худо ӯро хӯронда ва нӯшондааст

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳар рӯзадоре фаромӯш кард (ки рӯзадор аст) чизе хӯрд ё нӯшид, рӯзаашро идома диҳад, зеро Худо ӯро хӯронда ва нӯшондааст."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намуданд, ки ҳар кас, ҳангоми рӯзаи нафлӣ ё фарзӣ аз рӯй фаромушӣ чизе хӯрд ё нӯшид, бояд рӯзаашро идома диҳад ва ифтор накунад, зеро ӯ қасди ифтор кардан надошт, балки он ризқест, ки Худованд ба ӯ расонд ва ӯро хӯронд ва нӯшонд.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4525